*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*734067, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Такмили сохтори ҳудудии иқтисодиёт вазифаи калидӣ барои рушди устувори минтақаҳо, хусусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологӣ мебошад. Вилояти Хатлон, ки дорои иқтидори назарраси иқтисодӣ мебошад, барои ноил шудан ба рушди устувор ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ба навсозии сохтори иқтисодӣ ниёз дорад. Ин имкон медиҳад, ки истеҳсолот гуногун карда шавад, вобастагӣ аз бахшҳои монопрофилӣ коҳиш дода шавад ва рақобатпазирии минтақа баланд бардошта шавад. Ҷанбаи муҳим инчунин ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз қабили сатҳи баланди бекорӣ ва даромади ками аҳолӣ мебошад, ки ташкили ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагиро талаб мекунад.

Модернизатсияи иқтисодиёти вилояти Хатлон арзиши назарраси илмӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқот ба таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ, ки ба истифодаи самараноки захираҳо, беҳтар кардани инфрасохтор ва фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат нигаронида шудаанд, кӯмак хоҳад кард. Ин на танҳо сатҳи зиндагии аҳолиро баланд мебардорад, балки устувории экологии минтақаро таъмин мекунад, ки махсусан дар заминаи тағйирёбии ҷаҳонии иқлим муҳим аст. Гузашта аз ин, такмили сохтори ҳудудии иқтисодиёт ҳамгироии минтақаро ба равандҳои иқтисодии байналмилалӣ дастгирӣ мекунад ва сармоягузории хориҷиро ҷалб мекунад, ки ба рушди устувор ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Дар қисмати "мазмуни асосии таҳқиқот" муаллиф бар он кушидааст, ки мазмуну мундариҷаи асосии рисолаи илмиашро ба таври мушаххасу фишурда бо далелҳои раднашавандаи илмӣ баён созад. Тартиби баёни мухтасари мавзуъ дар автореферат бо пайдарҳамии хос мушоҳида мегардад.

Тамоми қисматҳои диссертатсияи муаллифро ба таври муфассал инчунин дар автореферат мушоҳида намудан мумкин аст. Барои асосноккунии андешаҳои худ муаллиф дар ин бахши автореферат бар он кушидааст, ки баёни мавзуъро дуруст ҷо ба ҷо карда, инчунин барои тақвияти фикри худ баъзе расму ҷадвалҳоро низ дар он ҷой кардааст. Дар ин қисмат ба муаллиф муяссар

гаштааст, ки мазмуни асосии мафҳумҳои соҳавӣ, аз қабили “ташаккул ва рушди истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ”, ва ба ин монандро шарҳу эзоҳи муаллифӣ диҳад ва дар ин ҷода, аз нигоҳи мо, муваффақ низ гаштааст.

Истифодаи васеи махзани иттиллотии оморӣ, мақолаҳо, адабиёти даврӣ, монографияҳо ва асарҳои илмии муаллифони дохилию хориҷӣ аз он далолат медиҳанд, ки муаллиф дар давоми эҷоди ин рисолаи илмӣ, ки барои соҳаи илми иқтисод камназир маҳсуб меёбад, заҳмати зиёд кашидааст. Эҷоди мақолаҳои илмӣ ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун низ ин гуфтаҳои моро тақвият медиҳанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии автореферат, мо инчунин баъзе нуқсонро қайд мехоҳем қайд намоем:

1. Дар автореферат шарҳи равишҳои назариявии мавҷуда ба ҳалли мушкилоти такмили сохтори ҳудудии иқтисодиёт пурра пешниҳод карда нашудааст.

Эроди дар автореферат буда хусуссияти тавсиявӣ дорад ва он наметавонад аҳамияти илмии таҳқиқотро ихтисор намояд.

Рисолаи илмии Амонзода Анушервон Намоз таҳқиқоти мустақилонаи ба анҷомрасонидаи муаллиф буда, дар асоси талаботҳои барои иҷрои чунин корҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ пешбинишуда комилан ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, банду баст ва ҷо ба ҷогузории масъалаҳо низ дар автореферати кори илмӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамаи ин афзалиятҳоро ба инобат гирифта, муаллифи рисолаи илмиро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор медонем.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳматзода Ҳ.Б.

Имзои Раҳматзода Ҳ.Б. тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроға:**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанде, к. Мирзо Турсунзода 30.
Тел: +992 907753981
E-mail: havdar57@mail.ru
Сомона: https://www.rtsu.tj/